Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
( 734061, ш. Душанбе, кучаи Деҳотӣ, 1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти унвони дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.**

Дар шароити муосир таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор яке аз омилҳои калидии рушди устувори иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад. Ин нишондиҳанда на танҳо сатҳи шуғлнокӣ, балки устувории иҷтимоӣ, некуаҳволии оилаҳо ва дараҷаи рушди иқтисодиётро низ муайян менамояд. Бо вуҷуди ин, аҳолии деҳот нисбат ба аҳолии шаҳр дар вазъи нисбатан номусоид қарор дошта, сатҳи шуғлнокии онҳо ба маротиб пасттар мебошад.

Дар чунин шароит, рушди шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки стратегии кишвар баромад мекунад. Солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тадбирҳои назаррас ҷиҳати таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва дастгирии шуғли аҳолӣ амалӣ гардида истодаанд. Бо вуҷуди пешрафтҳои мавҷуда, мушкилоти таъмини аҳолии деҳот бо ҷойҳои кори устувор ҳанӯз ҳам боқӣ монда, тақозои таҳкими минбаъдаи сиёсати давлатӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди соҳибкории маҳаллиро дорад. Дар ин замина зикр намудан ба маврид аст, ки дар самти таъмини шуғли алтернативии аҳолии деҳот як қатор мушкилоти ҷиддӣ ҷой доранд, аз ҷумла:

- маҳдуд будани ҷойҳои кории холӣ дар деҳот;
- сатҳи баланди бекорӣ;
- паст будани маоши миёнаи кормандон;
- муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷии қувваи корӣ.

Мавҷудияти ин омилҳо боиси коҳиш ёфтани сатҳи даромад, паст гардидани ҳавасмандии меҳнатӣ ва суст шудани рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои деҳот мегардад. Дар чунин шароит, рушди шуғли алтернативӣ ҳамчун яке аз механизмҳои муассири таъмини аҳолии деҳот бо ҷойи кор ва коҳиш додани сатҳи бекорӣ баромад менамояд. Аз ин рӯ, мавзӯи таҳқиқшаванда дорои аҳамияти баланди иҷтимоию иқтисодӣ буда, мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар автореферат аз ҷониби муаллиф роҳҳо ва усулҳои таъмини шуғли алтернативӣ тариқи такмил додани сиёсати давлатӣ дар ин самт пешниҳод гардидааст.

Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқот муаллиф муваффақ гардидааст, ки муаммоҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври низомнок гуруҳбандӣ намояд. Ин равиш имконият медиҳад, ки ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ ва такмили механизмҳои таъмини шуғли алтернативӣ қарорҳои асоснок ва самаранок қабул карда шаванд, ки он сазовори баҳои баланд мебошад. Бо вуҷуди ҷиҳатҳои мусбии кор, дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти рушди шуғли алтернативӣ аз ҷониби муаллиф пурра инъикос нагардидааст;
2. Маълумотҳои таҳлилӣ асосан ба соли 2020 мансуб буда, дар ҳоле ки ҳимояи рисола соли 2023 анҷом ёфтааст, навсозии оморӣ ба таври кофӣ таъмин нашудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки эродҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.Бинобар ин сабаб, автореферати диссертатсияи кори илмии Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос пешниҳод шудааст, ба ҳамаи талаботи Низомномаи Комиссияи олии асттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос ихтисос 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
н.и.и., дотсенти кафедраи
иқтисодиёти байналмилалии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Имомназаров М.А.

Имзои Имомназаров М.А.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Абдуназаров А.Ҷ**

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3
Телефон: (+992 37) 2349434, 2345910
Сомонаи расмӣ: www.tut.tj
E-mail: rectorat-tut@.mail.ru
«____» _______ соли 2026